**Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-058 назди ДДОТ ба номи Садриддин Айнӣ (734003 ш. Душанбе, х. Рӯдакӣ 121)**

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич дар мавзуи «Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) доктор аз рӯйи ихтисос аз рӯйи ихтисоси илмҳои география 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва рекреатсионӣ пешниҳод шудааст, (Душанбе, 2023. – 30 саҳ.)**

Диссертатсияи Ибодов Шуҳрат Маҳмадиевич ба яке аз мавзуъҳои муҳимми хусусияти ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор бахшида шудааст. Аз таҳлили автореферати мазкур бармеояд, ки таҳқиқоти диссертатсионии муаллиф аз ихтисорот, муқаддима, се боб, даҳ зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи адабиёти истифодашуда иборат мебошад, ки ба мақсад, вазифа ва мантиқи таҳқиқот мувофиқ мебошад.

Вобаста ба ин, навгониҳои муаллифи автореферэтро ҳамчун падидаи прогресивӣ дастгирӣ бояд кард. Зеро, муаллиф дар доираи таҳқиқоти анҷомдода сари камбудиҳои ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор руҷӯъ намуда, баҳри такмил додани ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунандаи ватанӣ камари ҳиммат бастааст.

Муаллифи автореферат вобаста ба мушкилоти ҷойдошта пешниҳоду таклифҳо манзур менамояд ва навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор ва такмили минбаъдаи он бахшида шуда, аз навгониҳои зерин иборат аст:

– Дар натиҷаи омӯзиш методологии ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор исбот гардид, ки он ҷанбаҳои иқтисодӣ ва экологиро муайян намуда, дар ҳалли масъалаҳои муҳимми муносибатҳои байни табиат ва ҷомеа фаъолона иштирок мекунад.

– Маълум карда шудааст, ки дар ноҳия бунёди боғҳои интенсивӣ ва токпарварӣ хуб рушд ёфта, ки қисми зиёди маҳсултҳоро ба хориҷи кишвар содирот менамоянд. Дар асоси соҳаи токпарварии ноҳия, дар шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринав корхонаҳои нав оид ба

шаҳрҳои Турсунзода, Ҳисор ва Шаҳринав корхонаҳои нав оид ба коркарди саноатии ангур ва шаробҳои гуногун бунёд шуда истодааст, ки ҷавобгӯи стандартҳои давлати мебошад.

– Муаллиф қайд менамояд, ки сарватҳои табиӣ дар ҳудуди ноҳияи иқтисодии Ҳисор пурра ва омухта шуда ва захираи онҳо муайян карда шудааст, ки имконият каркард ва ба бозори ҷаҳони пешниҳод намудани маҳсулоти сикли пурраи онро ноҳия имконият пайдо намуда истодааст.

Аз ин нуқтаи назар, натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионии Ибодов Шухрат Маҳмадиевич асоснок буда, бо далелу асосҳои боварибахши назариявӣ, омор ва амалияи мустаҳкам шудааст.

Натиҷаҳои таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳои муаллифи автореферат оид ба танзими ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор, равона гардидааст.

Ҳамчунин, нуқтаҳои илмии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, мақолаҳои илмӣ, маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ асоснокии таҳқиқоти анҷомдодаро нишон медиҳад.

Бояд қайд намуд, ки таҳқиқоти анҷомдодаи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич мусбат мебошад, зеро он нахустин пажуҳиши комплексӣ оид ба Хусусиятҳои иқтисодӣ – географии рушд ва ҷобаҷогузории қувваҳои истеҳсолкунанда дар ноҳияи иқтисодии Ҳисор мебошад ва барои муҳаққиқони оянда заминаҳои мусоидро дар илми география мегузорад.

Дар маҷмӯъ, бояд гуфт, ки автореферати диссертатсияи номзадии Ибодов Шухрат Маҳмадиевич мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, дар он масъалаҳои бамиёнгузошта аз лиҳози илмӣ пайдарпай ва асоснок матраҳ гардида, аз рӯи диди тоза ва мантиқ таҳлил гардида, сазовори баҳои мусбат аст.

Дар баробари таҳқиқоти пурра анҷомёфтаи Ибодов Шухрат Маҳмадиевич баъзе аз эродхо ҷой доранд, ки хусусияти ҷузъӣ дошта, қиммати автореферати диссертатсияро коста намегардонад.

1. Муаллифи дисертатсия дар барои захираҳои сайёҳӣ ва рекреатсионӣ инчунин таъсири онҳо ба пешрафти иқтисодиёти кишварро қайд менамуданд, илова бар ин муаллиф алоқамандии соҳаҳои иқтисодиёт, сайёҳӣ ва рекреатсияро дар автореферат асоснок мекард хуб мешуд.
2. Муаллиф дар автореферат масалаи таъмин намудани аҳолиро аз ноҳияҳои камзамин ва сераҳолии кӯҳистон ба минтақаҳои заминҳои бекорхобидаи ноҳияи иқтисодии Ҳисор дарҷ накардааст. Хуб мешуд, ки давраҳои таърихи муҳоҷикунии аҳолиро ба ин минтақа шарҳ медод.

Эродҳои зикршуда хусусияти бартариҳои илмии таҳқиқоти диссертатсиониро коста намекунад.

Аз ин рӯ, гуфтан имконпазир аст, ки таҳқиқоти диссертатсионии мазкур ба талаботҳои Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ буда, муаллифи он Ибодов Шухрат Маҳмадиевич ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD) мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D060901 – Географияи иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва рекреатсионӣ (илмҳои география) мебошад.

**Тақриздиҳанда:**
**н.и.и. дотсенти кафедраи молия ва андозбандии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ** **Насирдинов И.М.**

**Имзои Насирдинов И.М -ро тасдиқ мекунам:**
**Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон** **Ҷӯраев Ш.Н.**
**«20» 04 2023 с.**